ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-079 дар назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Холов Сафобахш Санақулович дар мавзуи "Ниҳоди Президент ҳамчун унсури асосии ҳокимяти давлатӣ: ташаккул ва рушди он дар низоми сиёсии Тоҷикистони муосир", ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 5.6.2. – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ) пешниҳод шудааст

1. Мавзуи диссертатсионии Холов Сафобахш Санақулович, ки ба таҳқиқи ниҳоди Президент ҳамчун унсури асосии ҳокимяти давлатӣ: ташаккул ва рушди он дар низоми сиёсии Тоҷикистони муосир бахшида шудааст, дар шароити кунунии ҷумҳурӣ мубрам ба ҳисоб меравад. Дар доираи таҳқиқоти илмҳои сиёсӣ ниҳоди Президент ҳамчун объекти таҳлили институтсионалӣ, рафторӣ ва муқоисавӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад, он имкон медиҳад, ки таъсири сохтори ҳокимият ба устувории сиёсӣ, самаранокии идоракунӣ ва динамикаи сиёсии ҷомеа муайян гардад. Мубрамияти мавзуи омӯзиш бевосита аз он бармеояд, ки дар бисёр низомҳои сиёсӣ, бахусус дар ҷумҳуриҳои дорои шакли идоракунии президентӣ ва нимапрезидентӣ (омехта) Президент на танҳо сарвари расмии давлат, балки маркази воқеии қабули қарорҳои сиёсӣ мебошад, ки ин ҳолат зарурати омӯзиши амиқи нақши ӯро дар низоми ҳокимияти давлатӣ ба миён меорад. Мубрамияти пажуҳиши мавзуи ниҳоди Президент дар шароити Тоҷикистон ва ҷойгоҳи ин ниҳод дар сохтори ҳокимияти сиёсӣ ва нақши муайянкунандаи он дар шаклгирӣ, устуворӣ ва динамикаи низоми сиёсӣ сарчашма мегирад, зеро Президент, ҳамчун як актори меҳварии сиёсӣ, на танҳо самтҳои асосии рушди давлатро муайян мекунад, балки дар амал ба шаклгирии муносибатҳои ҳокимият, механизмҳои тақсимоти захираҳои сиёсӣ ва тарзи қабули қарорҳои давлатӣ низ таъсири ҳалкунанда мерасонад. Аз нуқтаи назари илмҳои сиёсӣ, омӯзиши ин ниҳод пеш аз ҳама ҳамчун омӯзиши маркази иродаи сиёсӣ баррасӣ мегардад, ки тавассути он мантиқи амалкарди режим, хусусияти ҳамкории элитаҳои сиёсӣ ошкор карда мешавад. Мубрамияти омӯзиши мавзуъ ҳамчунон ба он вобаста аст, ки ниҳоди Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун муҳаррики асосӣ дар самти тағйироти сиёсӣ баромад намуда, ташаббусҳои ислоҳотӣ ва механизми

фаъолсозии идоракуниро ба роҳ мемонад, ки дар натиҷа омӯзиши ин ниҳодро барои фаҳмиши самти умумии таҳаввулоти сиёсӣ зарур мегардонад. Аз нигоҳи омӯзиши муқоисавӣ, таҳлили ниҳоди Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият фароҳам меорад, ки хусусиятҳои модели президентии минтақаи Осиёи Марказӣ ошкор гардида, ҷойгоҳи кишвар дар типологияи режимҳои сиёсӣ дақиқ муайян карда шавад. Зеро дар шароити Тоҷикистон Президент на танҳо ҳамчун сарвари давлат, балки ҳамчун роҳбари воқеии ҳокимияти сиёсӣ ва маркази асосии ҳамоҳангсозии гурӯҳҳои элитавӣ баромад менамояд. Дар маҷмуъ, таҳқиқи ниҳоди Президент дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун объекти таҳлили сиёсӣ имкон медиҳад хусусиятҳои амалкарди қудрат, мантиқи рушди режим ва тамоюлҳои эҳтимолии таҳаввулоти сиёсӣ ба таври илмӣ баррасӣ карда шаванд. Аз ин рӯ, мубрамияти мавзуъ на танҳо ба талаботи назариявии илми сиёсӣ ҷавобгӯ мебошад, балки барои таҳлили амалии равандҳои сиёсӣ ва таҳкими самаранокии идоракунии давлатӣ низ аҳаммияти муҳим дорад.

Ҳадафи диссертатсия таҳлили ҳамаҷонибаи ташаккул, рушд ва фаъолияти ниҳоди Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури калидии низоми сиёсӣ ва кафили суботи сиёсӣ ва амнияти миллӣ дар шароити пасоҷангӣ ва таҳаввулоти муосири сиёсӣ мебошад. Барои расидан ба ҳадафи пешгузошташуда дар таҳқиқот иҷрои вазифаҳо мушаххас карда шудаанд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада дар таҳқиқоти диссертатсионӣ бар пояи асосҳои назариявӣ, методологӣ ва таҷрибавии устувор қарор дошта, ба сатҳи баланди илмӣ ва такя ба манбаъҳои боэътимод тавсия мегардад. Нахуст, дар ҷараёни таҳқиқот маҷмуи методҳои илмии истифода гардида имконият фароҳам оварданд, ки муаллиф ба натиҷаҳои дақиқ, санҷишпазир ва такроршаванда расад. Илова бар ин, манбаи асосии маълумотҳои таҳлилшуда ҳуҷҷатҳои расмии сиёсӣ, барномаҳои давлатӣ, фаъолияти ниҳоди Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури калидии низоми сиёсӣ ва кафили суботи сиёсӣ ва амнияти миллӣ дараҷаи баланди эътимоднокии иттилоотро таъмин менамоянд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал ниҳоди Президент на танҳо ҳамчун мақоми конститутсионӣ, балки ҳамчун механизми муттаҳидкунандаи ҷомеа ва омили калидии суботи

пасоҷангӣ таҳлил гардидааст; модели ташаккули ҳокимияти президентӣ дар Тоҷикистон дар робита бо равандҳои сулҳофаринӣ, ваҳдати миллӣ ва барқарорсозии давлатдорӣ ба таври комплексӣ асоснок шудааст; нақши Президент дар институтсионализатсияи низоми сиёсӣ ва гузариш аз буҳрони давлатӣ ба суботи устувор нишон дода шудааст; робитаи мутақобилаи ҳокимияти президентӣ бо амнияти миллӣ, сиёсати хориҷӣ ва таҳкими мавқеи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст; хусусиятҳои хоси модели президентии Тоҷикистон ҳамчун намунаи рушди ниҳодҳои сиёсӣ дар шароити пасоҷангӣ ва ҷомеаи гузариш илмӣ ҷамъбаст шудаанд. Дар таҳқиқот нуқтаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шуданд, ки онҳо дар замони муосир ҳамчун навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд.

Саҳми унвонҷӯ дар коркарду корбурди сарчашмаҳои назариявӣ, тартиб додани нақшаи кори илмӣ, услуби таълиф ва масъалагузорию пешниҳодҳо, таҳияи мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо оид ба мавзуи диссертатсия зоҳир мегардад.

2. Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Таҳқиқот ба назарияҳои дахлдори илмҳои сиёсӣ асос ёфта, заминаи назариявӣ ва амалӣ-таҷрибавиро барои таҳқиқи мақом ва нақши ниҳоди Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури калидии низоми сиёсӣ ва кафили суботи сиёсӣ ва амнияти миллӣ фароҳам овардааст. Хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии натиҷаҳо, бар асоси таҳлили илмию натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ-таҷрибавӣ пешниҳод карда мешаванд. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуқтаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи 6D.KOA-079 – ихтисоси 5.6.2. – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025, таҳти № 10 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ

дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми ноябри соли 2017, таҳти № 5\2 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 5 адад мақолаҳои илмӣ, аз он ҷумла 3 мақолаи илмӣ, дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд инъикоси худро ёфтаанд.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Холов Сафобахш Санақулович истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиботи додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳод намудаи Холов Сафобахш Санақулович маълумоти ғайрисаҳеҳ мавҷуд нест.

7. Банди 56-и Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ба инобат гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1) Диссертатсияи Холов Сафобахш Санақулович дар мавзуи “Ниҳоди Президент ҳамчун унсури асосии ҳокимяти давлатӣ:ташаккул ва рушди он дар низоми сиёсии Тоҷикистони муосир” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 5.6.2. – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ) дар Шурои дессертатсионии 6D.KOA-079 дар назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба ҳимоя қабул карда шавад.

2) Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

- Комилбек Амид Ёрбек – доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев;
- Қурбонова Руқия Атоевна – номзади илмҳои сиёсӣ, мушовири ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

3) Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ таъин карда шавад.

4) Нашри эълон оид ба ҳимояи ошкорои диссертатсия дар шурои диссертатсионӣ ва ҷойгир намудани матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаи расмии Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ ва сомонаи расмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5) Чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва паҳн намудани он ба суроғаҳои дахлдор иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои сотсиологӣ, профессор,
узви вобастаи АМИТ Ш. Шоисматуллоев

Аъзоёни комиссия:
доктори илмҳои сиёсӣ, профессор П.А. Муҳаммадизода
доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент Л.Ш. Шарифзода